# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» (1991-2021) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои муҳаққиқон имкониятҳои зиёд фароҳам омад, то омӯзиши ҳамаҷонибаи таъриху фарҳанги кишварро бештар мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Дар ин радиф таҳқиқи таърихи минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ аҳаммияти калони илмиро соҳиб мебошад. Аз ҷониби дигар, барои омӯзиши ҳаматарафаи таърихи Тоҷикистон дар шароити ҳозира, омӯзиши ҳудудҳои алоҳидаи он муҳимму актуалӣ буда, он ҳамчунин аҳаммияти калони таърихӣ-кишваршиносиро соҳиб мебошад.

Дар ин росто, омӯзиши вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият муфид буда, маҳз рӯоварию дар шакли як кори диссертатсионӣ омода кардани кори илмии Махсудов Аслиддин Муҳаббатович худ боиси дастгирӣ мебошаду чунин рисола хеле зарурӣ ва дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Аз нигоҳи илмӣ низ чунин корҳо диққатҷалбкунанда мебошанд. Дар робита ба ин диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дорои аҳаммияти вижа мебошад. Мубрамияту муҳиммияти кори тадқиқшаванда дар сарсухан овардаю собит шудааст.

**Заминаи сарчашмашиносии** диссертатсия ғанӣ буда, дар он аз маводи бойгонӣ, аз ҷумла Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, бойгониҳои ҷории Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Лахш, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи матбуоти даврӣ, мавриди истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ, бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад, таҳқиқ шудааст.

**Сохтор ва мундариҷаи кор** ба мақсаду ҳадафи он мувофиқ буда, дуруст ҷо ба ҷо шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаю адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия – ***"Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021)"*** унвонгузорӣ шуда, он аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал ***"Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо"*** номгузорӣ шудааст, муаллиф асосан дар бораи истеҳсолот ва тавлидоте, ки молҳои хомро ба шакли ҷараёни истеҳсолӣ кор бароварда мешаванд, маълумоти хуби илмӣ ҷамъ оварда, ҳамзамон мушкилот ва ҳалли онҳоро нишон додааст. Ба андешаи дурусти муаллиф вазъи саноати водии Рашт бо равандҳо, монеаҳои вазъи саноати ҷумҳурӣ ва сиёсати Ҳукумати мамлакат дар ин марҳала алоқаманд буда, онро мебояд объективона таҳқиқ кард. Аз ин хотир, дар ин зербоб ҳолати саноати водии Рашт дар доираи саноати ҷумҳурӣ тадқиқ гашта, вазъи саноати ноҳияҳои Рашту Лахш, Нурободу Тоҷикобод ва Сангвор дар зербоби мазкур хуб таҳлил шуда, вижагиҳои ҳар як ноҳия нишон дода шудааст.

Қобили зикр мебошад, ки муаллифи диссертатсия бо чанд ҷадвалу диаграмма шумораи объектҳои хусусигардонидашудаи ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1992-2001, намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои

саноатии ноҳияҳои водии Рашт дар солҳои соҳибистиқлолӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар чанд навоҳии Раштро нишон дода, рисолаи хешро бад-ин васила боз комилтар намудааст. Зеро аз ин нақшаю диаграммаҳо ба таври мушаххас раванди пешрафт ва ё ҳолати саноатии водии Рашт маълум мегардад.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки ***"Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозии он"*** унвонгузорӣ гаштааст, муаллиф, аввал дар бораи давраи харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ, хусусан заминҳои обӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сипас оид ба марҳалаи барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ, даврони азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ дар водии Рашт маълумоти хуб овардааст.

Дар ин зербоб муаллифи диссертатсия оид ба тарзҳои нави хоҷагидорӣ, чанд қонун дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ, дар бораи ислоҳоти замин, Кодекси нави заминро ба маврид оварда, дуруст нишон додааст, ки маҳз ҷанги шаҳрвандӣ дар водии Рашт ба раванди муътадили ҷараёну қабул ва рафти хусусигардонии моликияти давлатӣ ба ғайридавлатӣ халал расонида, ин тамоюлро шакли дигар дод.

Инчунин дар ин зербоб дар бораи шумораи умумии хоҷагиҳои фермерии водии Рашт ва истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар ин минтақа маводи фаровон ҷамъ оварда шудааст. Муаллифи диссертатсия дар бораи заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории навоҳии минтақаи Раштро дар чанд ҷадвал хеле хуб нишон додааст.

Ҳамзамон дар ин зербоб вижагиҳои марҳалаҳои сатҳи шикасту барқароркунӣ ва азхудкунии майдони заминҳои киштзор дар солҳои истиқлолият, ҳолати боғдорию парандапарварӣ хуб нишон дода шудааст.

Дар зербоби сеюм ***"Соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ"*** муаллиф дар бораи соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ дар водии Рашт аз замони аввали давраи вазнини соҳибистиқлолӣ то солҳои 2020-2021-ум муфассал маълумот додааст. Тавре медонем дар давраи

Ҳокимияти Шӯравӣ бахши тандурустии Тоҷикистон низ ба дастовардҳои чашмрас ноил гардида, қариб дар ҳама минтақаҳои мамлакат беморхона ва нуқтаҳои хизмати тиббӣ фаъолият мекард. Аммо сар шудани воқеаҳои нохуши солҳои 90-уми асри XX ба соҳаи тандурустӣ низ зарари ҷиддӣ расонид. Қариб тамоми дорухонаҳои водии Рашт нобуд карда шуда, тамоми молу амвол ва воситаҳои асосӣ шахсӣ карда шуданд ё талаву тороҷ гардиданд.

Аммо баробари пойдор шудани сулҳу салоҳ ва муътадил гаштани вазъи сиёсӣ вазъият бехтар гашта, рӯ ба инкишоф овард.

Дар ин зербоб муаллиф дар такя ба маълумоту маводи зиёд маҳз ҳамин равандро бо тамоми паҳлӯҳояш нишон дода, афзоиши маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ, бунёди муассисаҳои ин соҳа, таъмини беморхонаҳо бо таҷҳизоти лозимӣ, ба таҳсил фаро гирифтани шумораи бештари ҷавонони водии Раштро хуб ҷамъоварӣ кардааст. Мушкилоти солҳои қаблӣ ва имрӯзаро низ дар водии Рашт дар соҳаи тандурустӣ муаллиф хуб баён намудааст.

Боби дуюми рисола ***"Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият"*** номгузорӣ шуда, он низ аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал ***"Вазъи маориф"*** вазъи маорифи минтақа дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҳлил гаштааст. Маълум мебошад, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва ҳамзамон омода намудани мутахассисони баландихтисос маҳз бо дастгириии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имтиёзҳои зиёд дода шуда, аз водии Рашт як теъдоди ҷавонон тибқи квотаи Президентӣ ба макотиби олии кишвар дохил шуда, барои онҳо стипендияҳои гуногун муқаррар гашта, инчунин бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони кишвар барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ чанд марказ таъсис дода шуд.

Инчунин дар ин зербоб дар бораи бунёди чанд коллеҷу донишкада дар худи манотиқи Рашт маълумот оварда шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - ***“Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ”*** -таърихи фаъолияти муассисаҳои маданӣ- маърифатӣ таҳлил шудааст.

Албатта, шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти мадании Тоҷикистон таъсири худро расонид. Дар он солҳо дар водии Рашт қисми зиёди муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ғорат шуда, дастаҳои эҷодию театрҳо аз фаъолият боз монданд. Баъдан бо мақсади рушди соҳаи фарҳанг, барқарорсозии муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва даҳҳо барномаву санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида, пешрафтҳо афзуд. Аз ҷумла, дар водии Рашт тибқи маълумоти ҷамъовардаи муаллифи диссертатсия “соли 2007 бо мақсади ҷалби аҳолӣ ба китоб аз тарафи Вазорати фарҳанг дар ҷумҳурӣ аксияи “Корвони китоб” гузаронида шуд. Дар аксияе, ки ба навоҳии водии Рашт раҳсипор шуда буд, шоирону нависандагони машҳури кишвар иштирок намуда, бо хонандагону ҳаводоронашон вохӯриву шабнишиниҳо гузарониданд”. Барои дастрас намудани китобҳои тозанашр бошад ба тамоми манотиқи ҷумҳурӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э.момалӣ Раҳмон 200 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо намуда, фестивалу озмун ва ҳамоишҳои фарҳангӣ ба мисли “Оши палав”, “Хандаи ҳусн”, “Ҷилваи чакан”,“Тараннуми ҷавонӣ ва саодат”, “Сайри гули лола”, “Тоҷикистон –Ватани азизи ман”, “Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам”, “Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасон”, “Рассомони наврас”, “Чароғи ҳидоят” баргузор гардида, падидаи дигари мусбат дар ҳаёти фарҳангӣ - ин эҳёи расму ойин, анъана ва ҷашнҳои миллӣ буда, ҳамасола дар навоҳии Рашт ҷашнҳои миллӣ ба монанди Сада, Меҳргон, Наврӯз ва Тиргон ҷашн гирифта мешаванд.

Дар ин зербоб инчунин бо чанд нақша ва асноди маводи лозимӣ муаллифи диссертатсия Махсудов А.М. дар бораи шумораи

китобхонаҳо, театру осорхонаҳо, мероси таърихию фарҳангӣ, ВАО ва мушкилоти ин соҳаҳо маълумот оварда, ҳамзамон роҳҳои баромадан аз мушкилотро нишон додааст.

Умуман, дар ин зербоб маълумот дар бораи тамоми масоили марбут ба муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ хуб оварда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм-***"Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он"*** дар бобати инкишофи соҳаи туризм ва роҳҳои аз байнбарии мушкилоти соҳа баррасӣ шудааст.

Албатта, ин соҳа дар Тоҷикистон метавон гуфт нисбатан ҷавонтар буда, асосан дар солҳои охир рушди сайёҳӣ дар кишварамон ба чашм мерасад ва он имкон дорад дар афзоиши буҷаи кишвар нақши муҳим бозад. Ин аст, ки бо ибтикори Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, соли 2018 бошад "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", солҳои 2019-2021"Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардиданд.

Лозим ба тазаккур, ки дар водии Рашт ёдгориҳои зиёди таърихиву фарҳангие ба мисли дараҳои Камаробу Ясман, Ҳоиту Вахё, Муҷихарфу Ҳакимӣ мавҷуданд, ки метавонанд макони боздиди сайёҳону меҳмонон бошанд ва инчунин ба густариши ҳунарҳои миллӣ дар ин гӯшаи диёрамон мусоидат намоянд. Мавҷудияти шаш хатсайри сайёҳӣ – "Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Камароб", "Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Ҳоит", "Рашт-дараҳои Камароб-Тагоба", "Рашт-дараи Ҷафр", "Рашт – Ҳоит" ва "Рашт – Шамар" низ дар рушди туризми дохилӣ мусоидат мекунад.

Албатта, пешниҳоди муаллиф дар бораи ҳалли мушкилот ва рушди соҳаи туризм ба маврид ва омӯзанда мебошанд.

**Дар хулоса** муаллиф аз пажӯҳиши худ натиҷагирӣ карда, бо чанд пешниҳоди ҷолиб ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо диссертатсияро ҷамъбаст намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия мустақилона иҷро гашта, муаллифи он маводи наверо пешниҳод карда, хулосаҳои пешниҳодкарда боиси қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Аҳаммияти амалӣ ва назариявии тадқиқоти кори Махсудов Аслиддин Муҳаббатович боиси ягон шакку шубҳа нест. Дар баробари ин, пешниҳодоти назариявӣ дар омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият хеле муфид буда, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омода кардани асару маводи таълимӣ оид ба таърихи Тоҷикистон васеъ истифода кард.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат мазмуни матни диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар баробари ин, дар рисола камбудию норасоиҳои ҷузъӣ дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Агар диссертант оид ба зарари овардаи ҷанги шаҳрвандӣ ба хоҷагии деҳот ва саноати минтақаи Рашт маълумоти мушаххастар меовард, мазмуни кор боз ҳам беҳтар мегашт.

2. Дар зербоби дуюм “Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозӣ” кишти ғалладона ва картошкапарварӣ агарчӣ дар умум хеле хуб таҳлил ёфтааст, вале истеҳсоли баъзе навъҳо, масъалан зироати лӯбиёгӣ дар алоҳидагӣ инъикоси худро наёфтааст. Дар масъалаи чорводорӣ, парандапарварӣ ва боғдорӣ низ ҳамин гуна норасоиҳо ба назар мерасанд.

3. Дар диссертатсия таносуби афзоиши шумораи аҳолӣ дар навоҳии минтақаи Рашт бо ҷойҳои нави корию бо кор таъмин кардани аҳолӣ дар соҳаҳои саноат, хоҷагии деҳот, фарҳангу маориф аниқ нишон дода нашуда, маълумот ба таври умумӣ оварда шудаанд.

4. Диссертант масъалаи соҳаи маорифи минтақаро хуб баррасӣ кардааст ва бурду бохти онро дуруст нишон додааст, аммо ба раванди ҳавасмандкунӣ, аз қабили сазовор донистани шумораи кормандони соҳа

ба унвону ифтихорномаҳо ва мукофотҳои давлатӣ камтар аҳамият додааст.

5. Дар матни диссертатсия камбудиҳои имлоию техникӣ низ каму беш ба назар мерасанд.

Албатта, ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии диссертатсияро коста накарда, онҳо хислати тавсиявӣ дошта, ба вақти омода кардани кори мазкур барои интишор ислоҳ намудан даркор мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» (1991-2021) ба бандҳои 31 - 37 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**декани факултети таърихи**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент** **Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
тел.: + 992 934722778; E-mail: ahmad0401@mail.ru

Имзоҳои доктори илмҳои таърих,
дотсент А. Қ. Ҳусайновро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

**“27” ___08.___ соли 2022**